# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони ҷаҳонишавӣ, ки аксарияти давлатҳо ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ кӯшиш намуда, гузашта аз ин, дар баъзе ҳолатҳо ноодилона муносибат карда, бевиҷдонона таърихнависӣ доранд, миллати мо бояд мавқеи худро шоиста ҳифз намояд. Дар ин радиф бояд ба ҷаҳониён исбот намуд, ки тоҷикон аз қадим соҳиби илму маориф, фарҳангу суннатҳои волои аҷдодӣ мебошанд. Бояд чунин далелҳои раднопазир дарёфт, коркард ва бо забонҳои байналмилалӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шаванд. Дар ин радиф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯрӣ ва мулоқоти худ бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30.05.2024 бамаврид зикр намуданд, ки ҳифзи ҷомеаи кишвар аз таъсири зуҳуроти манфии ҷаҳони муосир, аз ҷумла фарҳангу маънавиёти бегона, дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, таърих, суннату анъанаҳо, расму ойинҳо ва либоси миллӣ тарбия кардани наслҳои наврасу ҷавон қарз ва вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ба шумор меравад. Инчунин, таъкид карданд, ки олимони мо чун ҳамеша рисолати худро дар назди миллату давлат бо садоқати баланди ватандорӣ иҷро намуда, дар ҳифзи дастовардҳои истиқлол, муқаддасоти миллӣ таҳкими хотираи таърихиву фарҳангии

миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Дар ин ҷода таҳқиқоти диссертатсионии Ф.А. Азимзода саривақтӣ ва муҳим буда, баҳри амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард. Гузашта аз ин, бояд иброз намуд, ки имрӯз дар муҳити илми ҳуқуқшиносии кишвар ниёз ба таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ҷой дорад. То ҳол ҷанбаҳои таърихии масоили давлатӣ-ҳуқуқии таҳқиқнагардида зиёд мебошанд.

Анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ф.А. Азимзода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи таҳқиқоти диссертатсионие мебошад, ки дар он паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути манзур намудани нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос кардааст. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷи кишвар, инчунин аз андешаву назари олимони дохил ва хориҷи кишвар истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин кардаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, нуктаи назари нав дар илм мебошанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бояд тазаккур дод, ки андешаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой доранд бо фикру андешаҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, инчунин дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо мақсади асоснок намудани андешаҳои худ аз диссертатсия, авторефератҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ васеъ истифода намудааст. Хулосаю тавсияҳои диссертант, ки дар матни автореферат ва диссертатсия оварда шудаанд, асоснок буда, эътимоднокии худро доранд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Ф.А. Азимзода аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати

адабиёт ва феҳристи интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи вандидод» ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои башарии он», муаллиф дар асоси таҳлили андешаи олимони дохиливу хориҷӣ, инчунин сарчашмаҳои таърихӣ паҳлуҳои баҳсбарангез ва муҳимми низоми ҳуқуқии зардуштиро баррасӣ намуда, аз нигоҳи илмӣ нуктаи назари муаллифиашро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла бо такя ба олимон иброз карда мешавад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз марҳилаҳои аввали ташаккулёбии ҳуқуқ ва давлатдории бостонии тоҷикон ба шумор меравад. Манбаи асосӣ ва бунёдии ин низоми ҳуқуқӣ китоби муқаддаси пайравони зардуштӣ – Авесто мебошад. Баррасии таълимоти ҳуқуқии Авесто, ки ҳамчун сарчашмаи аслии ҳуқуқи қадимии тоҷикон эътироф шудааст, барои дарки равандҳои ҳуқуқӣ ва сохтори иҷтимоии он давра аҳаммияти муҳим дорад (саҳ. 22).

Диссертант андешаҳои гуногуни олимонро дар самти арзишмандии низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди баррасӣ қарор дода, иброз менамояд, ки Авесто ёдгории қадимии хеле нодири гузаштагони халқи мо маҳсуб мешавад ва дар давраҳои муайяни таърихӣ танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба уҳда доштааст. Авестои ҷовидон масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро танзим намуда, дар ташаккули ҳуқуқи инсон ва низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ заминаи қавию устуворро гузоштааст.

Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, махсусан дар сарчашмаи асосии он – Авесто меъёрҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки онҳоро шартан бо дарназардошти пешрафтҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ, метавон ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерин ҷудо намуд:

1) меъёрҳое, ки дорои хусусияти давлативу ҳуқуқӣ мебошанд;

2) меъёрҳое, ки танзими равобити ҳуқуқи маданиро таъмин мекунанд;

3) меъёрҳое, ки ба соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дахл доранд;

4) меъёрҳои марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазоҳо;

5) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба тозагии об ва истифодаи он бахшида шудаанд;

6) меъёрҳое, ки ба ҳимояи муҳити зист равона шудаанд;

7) меъёрҳое, ки муносибати инсонро бо ҷаҳони ҳайвонот ба танзим медароранд (саҳ. 25-26).

Таъкид карда мешавад, ки Вандидод ҳамчун қонун ба муқобили девҳо аз маҷмуаи иборат аз 22 фаргард ташкил гардидааст ва он, пеш аз ҳама, ба мавзуи вобаста ба қонуни покизагӣ ва талошу пайкор ба муқобили разилиҳову нопокиҳо бахшида шудааст. Ҳамчунин дар асоси таҳлил бо далелҳои арзишманд муҳаққиқи диссертатсия хулоса менамояд, ки Вандидодро қонуни зидди бадӣ унвон кардаанд, ки бешак дуруст аст. Он аслан ҳама гуна кирдори бадро маҳкум мекунад. Вандидод дар як вақт фарогири меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, судӣ, оилавӣ, экологӣ ва ғ. мебошад. Аз ин лиҳоз, он дар маҷмуъ қонун ё кодекси соҳавӣ ё фарогири як соҳаи ҳуқуқ нест, балки меъёрҳои якчанд соҳа, аз ҷумла соҳаҳои зикргардидаро дар худ муттаҳид кардааст. Илова бар ин, дар Вандидод муқаррарот ё навиштаҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки шояд аз назари имрӯз ба табиати ҳуқуқи муосир созгор нестанд ё ин ки бахше аз онҳо бештар хусусияти ахлоқӣ ва динӣ касб кардаанд, дар ҳоле ки дар ҷамъияти бостонии он замон меъёрҳои пешрафта ва ба рӯзгори мардуми аҳди бостон муносибу созгор маҳсуб мешуданд. Бинобар ин, омӯзиши онҳо барои таҳаввули назару фаҳмиши насли муосир нисбат ба ин сарчашмаи нодири ҳуқуқӣ ва бархӯрдор гаштан аз ҳикмати ҳуқуқии тамаддуни бостон як иқдоми муфид аст. Ба андешаи мо, имрӯз замоне расидааст, ки Вандидод ҳамчун китоби рӯимизии хизматчиёни давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо ба сифати намуна аз таърихи қонунэҷодкунии тамаддуни миллати тоҷик ба сифати унсури ҳатмӣ ва рамзи давлатдории бостонии тоҷикон роҳандозӣ гардад ва зинатбахши мизии кории онҳо қарор гирад (саҳ. 28-40).

Дар зербоби дуюми боби якум – «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ», муаллифи диссертатсия бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, инчунин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ баррасӣ намудааст. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ,

хусусан китоби Авесто диссертант иброз менамояд, ки кирдорҳои пастзанандаи шаъну шарафи инсонӣ, аз қабили таҳқир ва туҳмат сахт маҳкум гардидаанд. Инчунин, дар ин сарчашмаҳо маҳкумнамоии фиреб ва дурӯғ, ки оқибатҳои манфии ҷамъиятию шахсӣ доранд, дида мешавад. Ҳарчанд дар қонунгузории кишвар кирдорҳои туҳмат, таҳқир ва фиреб мавриди танзим қарор гирифта бошанд ҳам, вале дурӯғ ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида нашудааст (саҳ. 43). Таъкид карда мешавад, ки мутобиқи қонуни Хаммурапӣ, ордалия вақте татбиқ мешуд, ки гуноҳи шахс ба исбот расонида мешуд, ҳарчанд бархе маврид бе исботи ҷурми шахс низ мавриди корбурди он нақл шудааст. Бархе маврид ҳатто агар гуноҳи шахс исбот гардида бошад ҳам, ордалия истифода мегардид (саҳ. 44-45). Сарпечӣ намудан аз иҷрову риояи шартнома гуноҳ шуморида мешуд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия тасодуфӣ ҳам нест, ки яке аз худоёни муътабари пантеон бар асоси ривоёти зардуштӣ Митро – худои шартнома ё созишнома ба ҳисоб мерафт (саҳ. 47).

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи вандидод» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ» диссертант дар рафти таҳқиқоти худ сарчашмаҳои зиёди таърихиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, кӯшиш намудааст, ки бо далелҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ будани Вандидодро исбот намояд. Диссретант бо такя ба гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки «Нахустин Қобусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишти дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур – Авестои ҷовидона – дигар дар қолаби сарҳадҳои кучак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва ҳудудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба уқёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст» (саҳ. 55). Дар масири таърихи тоҷикон, Вандидод ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии қадимаи ҳуқуқи зардуштӣ ва кодекси алоҳида амал мекард. Аз нигоҳи ҳуқуқи муосир, ин маъхаз бо сабаби он ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ оварда шудааст, қобили таваҷҷуҳ гардидааст. Дар Вандидод меъёрҳои ҳуқуқии мухталиф, аз қабили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, молиявӣ, экологӣ ва судӣ мавҷуд мебошад (саҳ. 56). Диссертант дар асоси таҳлилҳои илмӣ исбот намудааст, ки дар давраи Сосониён Авесто ҳифз карда шуда, Вандидод бо забони форсии миёна

тарҷума карда шудааст. Гузашта аз ин, омӯзиши Вандидод ба қатори асари ҳатмӣ ва омӯзишӣ дар маъбадҳои динӣ шомил гардида буд. Инчунин диссертант ба хулосае меояд, ки Вандидод ба шакли хаттӣ то замони мо омада расидааст, зеро дар аҳди сулолаи Сосониён аз ҷониби мубадони дини зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукмронии Хусрави I рост меояд. Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидод лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт (саҳ. 63-64).

Зербоби дуюми боби дуюм «Мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод» номгузорӣ гардидааст. Диссертант иброз менамояд, ки агар ба гузаштаи ниёгони худ назар намоем, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба монанди «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод шудаанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба интихоби касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд. Ҳама гуна рафторҳои зиддиҷамъиятие, ки ба хилофи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва озодиҳои инсон равона мегардиданд, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб мешуд (саҳ. 72). Тибқи таълимоти Вандидод, ҷазоҳо ба чанд гурӯҳи асосӣ тақсим мешуданд: ҷазо барои ҷиноятҳои зидди дин ва худоён, ҷиноятҳо алайҳи подшоҳ (ки ба ҷиноятҳои сиёсӣ иртибот доранд) ва ҷиноятҳое, ки ба шахсият ё ба тартиботи умумии ҷомеа таъсир мерасониданд. Ин навъбандии ҷазоҳо бештар ба ҳимояи сохти динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он давра равона буда, ҳадафаш муҳофизати арзишҳои асосии ҷомеа ва ҳокимият буд (саҳ. 74). Дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ диссератант таснифи зеринро дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ пешниҳод менамояд: ҷиноятҳо алайҳи дини зардуштӣ; ҷиноятҳо бар зидди ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои синфи ҳукмрон; ҷиноятҳо алайҳи шахсият, аз ҷумла бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, инчунин шаъну эътибори инсон; ҷиноятҳо алайҳи муҳити зист ва ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ; ҷиноятҳои марбут ба моликият ва амволи шахсӣ. Чунин таснифот аз нигоҳи илмӣ дорои баҳои баланд мебошад (саҳ. 75-77). Инчунин диссертант исбот намудааст, ки мафҳуми кафорати гуноҳ на дар низоми ҳуқуқи исломӣ, балки дар

низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба вуҷуд омада, амали татбиқи ҳуқуқ, ситонидани товони зарар ва амалҳои ба барқарор намудани зарари расонидашуда, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ мафҳуми «каффорат»-ро ифода менамуданд, ҳанӯз дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ амал менамуд (саҳ. 80-84).

Зербоби сеюми боби дуюм «Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» номгузорӣ гардида, дар он муаллифи диссертатсия аз нигоҳи назариявӣ мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва намудҳои онро баррасӣ намудааст. Дуруст иброз карда мешавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як шакли танзими иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ бо пайдоиши ҷомеа ба миён омада, ибтидоан ба қоидаҳои ахлоқӣ ва анъанаҳои иҷтимоӣ такя мекард. Танҳо дар марҳилаҳои баъдӣ он ба шакли расмии ҳуқуқӣ табдил ёфт ва таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ қарор гирифт (саҳ. 88). Диссертант дар асоси таҳлили васеи илмӣ ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ, молиявӣ ва экологиро бо такя ба Вандидод таҳқиқу баррасӣ намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад (саҳ. 93-104).

Боби сеюми диссертатсия – «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», диссертант бо истифода аз усули муқоисавӣ дар сатҳи зарурӣ меъёрҳои Вандидодро бо баъзе аз меъёрҳои қонунгузории муосири кишвар муқоиса намуда, андешаҳои худро пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат мебошанд. Масалан иброз карда мешавад, ки дар омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод ниҳод ё падидаи шарикӣ дар ҷиноят низ вуҷуд дорад. Дар сатрҳои 13-14 фаргарди 15-и Вандидод ҷинояти исқоти ҳамли ғайриқонунӣ зикр шудааст. Дар робита ба ин ҷиноят, ҳамчунин ҷазо нисбат ба шахсе, ки чунин амалро анҷом медиҳад, пешбинӣ шудааст, зеро амали мазкур ҳамчун амале арзёбӣ мешавад, ки бо қасди бевосита содир мегардад. Ҳамин тавр, ҷазо барои тамоми шахсони ширкаткунанда дар содиршавии ҷиноят таъин карда мешавад. Шояд ин ба он хотир бошад, ки дар Авесто шарикони ҷиноят муайян карда нашудаанд (саҳ. 121).

Зербоби дуюми боби сеюм «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»

номида шудааст. Ба маврид гуфта мешавад, ки омӯзиши амиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, то имрӯз ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор нагирифтааст, ки ин барои давлати ҳуқуқбунёд ва демократии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нест ва буда наметавонад. Дарки дуруст, арзёбӣ ва шарҳи мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳудуди таърихии сарзамини Тоҷикистони имрӯза, махсусан дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна, зери таъсири як қатор омилҳои боздоранда қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мавҷуд набудани низоми мураттаби ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, таҳия нашудани фаҳмиши дақиқ оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносибат ба масъалаҳои ҷуброни зарар, мафҳуми «харидани гуноҳ», набудани таснифи равшани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мураттабсозии низоми ҷазоҳо, дар умум ба рушди шинохти илмии ин падида таъсири ҷиддӣ расондаанд. Бо вуҷуди ин, дар матни Авесто кӯшиш шудааст, ки тавассути риояи принсипҳои техникӣ-ҳуқуқӣ ба танзими низомноки масъалаҳои марбут ба ҷавобгарӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ замина гузошта шавад (саҳ. 128). Навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дорои хусусияти ҷисмонӣ, молу мулкӣ ва мазҳабӣ-анъанавӣ буданд. Масалан, дар ҳолатҳои ҷиноятҳои марбут ба осеб расонидан ба саломатӣ, гунаҳгорон метавонанд бо ҷазои ниҳоӣ – қатл, ё бо муҷозоти молӣ, аз ҷумла мусодираи амвол ё пардохти ҷаримаи то 300 стир рӯ ба рӯ шаванд (саҳ. 131). Бо такя ба муҳаққиқон иброз карда мешавад, ки ҳукми қатл дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз ҷазоҳои қадимтарин ва шадидтарин маҳсуб мешуд, ки нисбати содиркунандагони ҷиноятҳои вазнин ба кор бурда мешуд. Ин навъи ҷазо ба кирдорҳое марбут буд, ки бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, бар зидди неруҳои табиат ва ҳайвонот, моликият, устувории оила, ҳокимият ва ҳамчунин бар зидди арзишҳои дорои моҳияти динӣ ва ахлоқӣ равона шуда буданд (саҳ. 134). Аз ҷониби диссертант чунин намуди ҷазоҳо, аз қабили ҳукми қатл, ҷазоҳои ҷисмонӣ, мусодираи дороӣ, пардохти товон дар шакли додани молу мулк, маҳрумсозӣ аз ҳуқуқи будан дар ҷомеа мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм масоили «Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дуруст зикр карда мешавад, ки дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасанд (саҳ. 144). Бо такя ба

андешаи олимони соҳа ва сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ меъёрҳои Авесто бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти муносибатҳои ҷиноятӣ, оилавӣ ва маданӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шудааст, ки ҷолиби диққат мебошанд (саҳ. 145-156).

Дар асоси таҳлилҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи илмӣ ба диссертант имконият фароҳам омадааст, ки хулоса ва пешниҳодҳои муҳимми илмӣ дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ф.А. Азимзода аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд дар самти ҳифзи арзишҳои таърихӣ ва рушди илми ҳуқуқуқшиносӣ пеш аз ҳама таърихи давлат ва ҳуқуқ мусоидат намоянд. Хулосаву андешаҳои диссертант барои ҳалли баъзе аз масъалаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, ҳуқуқи инсон метавонанд мусоидат намоянд. Инчунин, маврид ба зикр аст, ки маводи диссертатсияро дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ метавон истифода намуд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки анҷом додани чунин намуди кор, ки худ хислати таърихӣ-ҳуқуқӣ дорад ва он пеш аз ҳама барои барқарор намудани адолати таърихӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнии кишвар равона гардидааст, бе шубҳа арзишманд мебошад.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 13 мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, аз ҷумла:

[1-М]. Азимов, Ф.А., Зокиров, З.Х. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Азимов, З.Х. Зокиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29-43; ISSN 2414 9217.

[2-М]. Азимов, Ф.А. Правонарушения и преступления в Видевдате: историко-правовой анализ [Текст] / Ф.А. Азимов // Законодательство. – 2022. – №4 (48). – С. 133-138; ISSN 2410-2903.

[3-М]. Азимов, Ф.А., Саъдизода, Ҷ. Нақши низоми ҳуқуқии зардуштия дар тақвиятёбии ҳуқуқи миллӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои

ичтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №5. – С. 231-239; ISSN 2413-5151.

[4-М]. Азимов, Ф.А., Раҳмон, Д.С. Вижагиҳои таълимоти ҳуқуқии Вандидод дар пасманзари умумии ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Д.С. Раҳмон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №3 (31). – С. 40-54; ISSN 2414 9217.

[5-М]. Азимов, Ф.А. Мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод [Матн] / Ф.А. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №4 (32). – С. 68-78; ISSN 2414 9217.

[6-М]. Азимов, Ф.А. Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Азимов // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 18-27; ISSN 2410-2903.

[7-М]. Азимов, Ф.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунугузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Ф.А. Азимов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2025. – №2 (54). – С. 57-59; ISSN 2305-0535.

Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ф.А. Азимзода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Ф.А. Азимзода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбат, инчунин аз баъзе камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез холӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Дар нуктаи илмии якум, аз ҷумла гуфта мешавад, ки аҷдодону ниёгони мо барои муносибати бераҳмона нисбати ҳайвонот ҷавобгарӣ дар намуди харидани гуноҳ ё кафорат татбиқ менамуданд. Инчунин, аз ҷониби диссертант пешниҳод карда мешавад, ки зарурати аз нав эҳёву барқарор кардани ниҳоди мазкур ба миён омадааст. Дар ин бобат мехостам ҳангоми ҳимояи ошкоро асоснокнамоии иловагии диссертант шунида шавад.

2. Диссертант дар асоси таҳлили низоми ҳуқуқии зардуштӣ иброз менамояд, ки амалҳое ба монанди туҳмат, фиреб ва дурӯғ ҳамчун кирдорҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ шинохта мешуданд ва барои содир намудани онҳо намудҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буданд (саҳ. 116 дисс.). Аммо, кадом намудҳои махсуси ҷавобгарӣ мушаххасан зикр нагардидааст, ки мушаххаснамоии иловагиро аз ҷониби диссертант ҳангоми ҳимояи ошкоро тақозо менамояд.

3. Дар диссертатсия масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Аммо муҳаққиқ ба масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали ҳуқуқӣ мутобиқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ таваҷҷуҳ накардааст, ки як андоза баҳсбарангез мебошад. Аз ин рӯ, мехостам андешаи диссертант дар ин бобат шунида шавад.

4. Вобаста ба мазмун ва муҳтавои мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф мебоист таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон, Ироқ, Покистон ва дигарҳо, ки дар ҳудуди онҳо низ низоми ҳуқуқии зардуштӣ паҳн мегардид, мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор дода мешуд. Чунин таҳлил шароит фароҳам меовард, ки андешаҳои навин вобаста ба омезиш ёфтани низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба низоми ҳуқуқии муосир муайян карда шаванд. Айни ҳол диссертант танҳо ба таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд гардидааст.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Азимзода Фирдавс Акбаралӣ сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳӯрии
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, Моб.: +992 918 40-07-11
Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: mam300986@mail.ru

«11» ноябри 2025 с.